ТАСДИҚ МЕКУНАМ:
Ректори МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров ____________
профессор Ҷ.Ҷӯразода

**Т А Қ Р И З И**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Раҳмонов Абдусаттор Абдуразоқович таҳти унвони "Хусусиятҳои ташаккули фарҳанги иттилоотии мутахассиси ояндаи фаъолияти иҷтимоӣ- фарҳангӣ" барои дарёти дараҷаи илмиии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ**

Муҳимияти мавзӯъ ба тағироти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавии ҷомеаи муосир ва иттилооткунонии соҳаи таҳсилоту фарҳанг алоқаманд аст. Дар охири XX тағирёбии тамоюлоти таҳсилоти олии касбӣ ба дигаргуншавии кулии равобити байни фарҳангӣ ва иҷтимоӣ мусоидат намуда, раванди ислоҳоти ҷиддӣ ва глобалии таҳсилоти ватаниро ногузир сохт. Дар чунин шароит истифодаи самарбахши технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар низоми таҳсилоти бадеии милӣ аҳамияти хоссаро касб меиамояд. Дар ии раваид технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ҳамчун шарти муҳими такмили ин низом таҳқиқ мегардад.

Муҳимияти мавзӯи таҳқиқотӣ аз он бар меояд, ки шароити ҳозира сайқал додани тафаккури техникию технологии ҷавонону наврасон ва ҳавасмандсозии онҳо ба ҳама гуна навоварӣ ва пешрафту тараққиёт таваҷҷӯҳи хоса пайдо мекунад. Зимни дар амал татбиқ намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, таъмин намудани технологияҳои иттилоотию коммункатсионӣ, таъмини амнияти иттилоотӣ ва умуман, амнияти милии давлат, ташаккули фарҳанги итилоотӣ бояд дар мадди аввал қарор гирад. Барои ташаккулу такмили

ин раванд, бо мақсади омӯзишу тарбия, мукаммал гардоднидани ахлоҷу маънавиёт дар ҳар гӯшаи дунё, дар байни ҳар халқу миллат, анъаноти инсонӣ ситораҳои тобоне ҷило додаанд, ки пас аз худ ба ҷаҳониён нуру зиё андешаву афкори пок боқӣ гузоштаанд.

Вобаста ба ин, муаллифи рисолаи илмӣ А.Раҳмонов ба сифати мабҳази таҳқиқотиии хеш донишҷӯ чун ҳомили фарҳанги иттилоотӣ интихоб намуда, роҳҳои ташаккули фарҳанги иттилоотии донишҷӯ-кормандон ояндаи соҳаи иҷтимоӣ-фарҳангиро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Сарфи назар аз он ки диссертатсия адабиёти зиёдро фаро гирифтааст, он барои омӯзиши истифодаи фарҳанги иттилоотӣ ва технологияҳои коммуникатсионӣ ва муроҷиат ба ин масъала имрӯз низ аҳамияти бузург дорад.

Чӣ тавре, ки аз таҳлил ва баррасии рисола бар меояд, ки аппарати илмии таҳқиқо аоаснок буда дар заминаи назария ва методологияи муосири илми педагогика – такя ба арзишҳои миллӣ ва умумибшарӣ таҳия гардида, ҳалли худро ёфтааст.

Таҳқиқоти таълифшудаи Раҳмонов Абдусаттор Абдуразоқович аз муқаддима, ду боб, панҷ фасл, хулосаи бобҳо, хулосаи умумӣ, феҳристи адабиёт ва таблитсаву диаграммаҳо иборат буда, дар он 55 муаллиф мубрамияти мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи коркарди илмии проблема, мавҷудияти муаммо ва ихтилоф, объект, предмет, мавзӯъ ва ҳадаф, фарзия, вазифаи таҳқиқот, инчунин ғояи пешбар, асосҳои методологӣ, сарчашма ва методҳои таҳқиқот, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда, боэтимодӣ ва асоснокии натиҷаҳо барои дифоъ, гузаронидани озмоиш ва татбиқи таҳқиқот баррасӣ шудааст.

Дар боби аввали рисола "Ташаккули фарҳанги иттилоотии мутахассиси ояндаи соҳаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҳамчун проблемаи иҷтимоӣ-педагогӣ" асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули фарҳанги

иттилоотӣ дар илмҳои мухталиф мавриди омӯзиш қарор дода шуда, таҳқиқи он дар педагогика ва назария, методика ва ташкили фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ баррасӣ гардидааст. Моҳият, мазмун ва вазифаҳои фарҳанги иттилоотӣ дар шароити ҳозира, самтҳои асосии ташаккули он, аҳамият ва зарурияти он барои омода намудани мутахассиси соҳаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ таҳлилу натиҷагирӣ карда шудааст; тамоюлҳои муосир дар истифодаи технологияи иттилоотӣ дар раванди таълимӣ фанҳои тахассусӣ дар муассисашои таҳсилоти олии касбии соҳаи фарҳанг ва санъати Ҷумҳурии Тоҷикистон, баррасӣ гардидааст.

Дар боби мазкур фарҳанги иттилоотӣ, чун ҷузъи таркибии фарҳанги умумии инсон баррасӣ шуда, қайд мегардад, он асоси фаъолияти иттилоотии инсон мебошад. Муаллифи рисола дуруст қайд мекунанд, ки ин фаъолият худро ҳамчун раванди дуҷониба зоҳир менамояд: аз як ҷониб, ин истифодабариии иттилоотӣ ҷамъоваришуда ва истеҳсолшаванда, аз ҷониби дигар-офариниш ва дарҷи он дар ҳаргуна ҳомиёни моддӣ.

Ба таҳқиқотҳои олимони рус ва хориҷаи дур такя намуда дар таҳқиқоти худ А. Раҳмонов типологияи фарҳанги иттилоотиро чунин тавсиф медиҳад: фарҳанги маънавӣ, фарҳанги моддӣ ва фарҳанги иттилоотӣ. Вобаста ба ин ташаккули фарҳанги иттилоотии мутахассиси ояндаи фарҳангро чун як ҷузъи таркибии фарҳанги умумии шахсияти ӯ дида мебароияд, ки ба табиати иҷтимоии донишҷӯ алоқаманд буда, маҳсули қобилиятҳои гуногунпахлӯи эҷодии ӯ мебошад.

Муаллиф дар рисола собит месозад, ки фарҳанги иттилоотиро мутобиқи фаъолияти касбии худ аз худ кунад. Бо туфайли ин сатҳи баланди фарҳанги иттилоотӣ гарави бомуваффақияят будани ин фаъолият мегардад ва аз бисёр ҷиҳат самаранокии онро муйян месозад ва такмили фаъолияти касбии ӯро таъмин менамояд.

Ба ин нуктаи назари муаллифи рисолаи илмӣ комилан розӣ шудан мумкин аст.

Назари муаллиф нисбати он, ки ба талаботи баланди донишҷӯён дар рушди фарҳанги иттилоотӣ нигоҳ накарда, чунин раванд мақсаднок ташкил карда намешавад, ҳамгироии мазмуни фанҳо барои тағирёбии донишкадавӣ дар ҷанбаи рушди фарҳанги иттилоотӣ таъмин намегардад; рушду худинкишофдёбии фарҳанги иттилоотӣ мутахассисони оянда аз бисёр ҷиҳат бо таври ноогоҳона ва стихиявӣ ба вуқӯъ меояд: бисёре аз донишҷӯён ба мушкилиҳое рӯ ба рӯ мешаванд, ки бо ҷустуҷуй, фаҳмидагирӣ, коркард ва пахши иттилоот алоқаманданд, онҳо маҳорати мухтасар навиштани лексияҳо, дар пеши омма баромад карданро надоранд; дар иҷрои маърӯзаҳо, рефератҳо, презентатсияҳо, корҳо курсӣ, рисолаҳои хатм ва магистрӣ, тайёрӣ ба имтиҳонот ва санҷишҳо мушкилӣ мекашанд; истифодаи нокифояи технологияҳои иттилоотӣғкоммуникатсионӣ дар вақти таҷрибаомӯзии донишҷӯён дар муассисаҳои фарҳанг ва мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва мусиқӣ мушоҳида карда мешавад, дуруст аст.

Дар боби дувуми диссертатсия, ки “Шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги иттилоотиии донишҷӯ-мутахассисиояндаи фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳанги муассисаҳои таҳсилоти олии фарҳанг ва санъат” номгузорӣ шудааст, масъалаҳои гузаронидани кори озмоишӣ-таҳқиқотӣ, ҷамъбасти он, таҳияи барномаи педагогӣ оид ба ташаккули фарҳанги иттилоотии мутахассисиояндаи соҳаи фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки ба инкишофи фарҳанги касбии мутахассисиояндаи соҳаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ мусоидат мекунад, таҳлилу таҳқиқ карда шудааст.

Дар фаслҳои ин боб таъкид карда мешавад, ки дар зинаи муайянкунандаи таҳқиқот (ҷустуҷӯи-таҳқиқотӣ) ва таҳлили вазъи воқеии тадрис муайян гардидааст, ки сатҳи донишазхудкунии донишҷӯён аз фанни технологияҳои информатсионӣ хеле коста аст. Омӯзиш ва барасии

азхудкунии фанни информатика дар шӯъбаҳои эҷодӣ, факултаи мусиҷӣғомӯзгорӣ ва факултаи китобдорӣ ва иттилоотшиносии ДДСТ ба номи М. Турсунзода нишон дод, ки дар солҳои таҳсили 2016-2017 сатҳу сифати таълим аз фанни "Технологияи информатсионӣ" дар факултаи мусиқӣ-омӯзгорӣ ва китобдорию иттилоотшиносӣ 21 фоиз ва дар ш\ъбаи фаъолияти иҷтимой-фарҳангӣ 31 фоизро ташкил медод. Соли таҳсили 2017-2018 фоизи азхудкунии дарсҳо аз ин фан мутаносибан танҳо ба 30,4 фоиз ва 34 фоиз афзоиш ёфтаасту халос. Дар шӯъбаи менеҷменти ФИФ ин рақам ба 45,8 фоиз расидааст.

Дар асоси таҳлили муҷоисавӣ муаллифи рисола ба хулоса меояд, ки истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ дар шӯъбаи менеҷменти ФИФ ва режисураи чорабиниҳои театронидашуда ва идҳои оммавӣ афзалият доштаас, зеро ки табиати ин ихтиос ва хусусияти касбии режиссёр ва менеҷер талаб мекунад, ки онҳо технологияҳои муосири компютериро хубтар доданд ва дар кори мустаҷилони вобаста ба ихтисос бештар истифода баранд. Бинобар ин сабабмандии (мотиватсияи) ин гурӯҳи донишҷӯён дар муқоиса бо дигар донишҷӯён бештар буда, он афзалият дошт.

Дар оғози таҷриба ва дар интиҳои он пурсиши назоратӣ гузаронида шудааст, ки бо ёрии он сатҳи дониш ва тавоноии гурӯҳҳои гуногун донишҷӯён аз фанҳои тахассусӣ ва технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва дараҷаи таъсири он ба ташаккули фарҳанги иттилоотӣ муайян шудааст.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти аҷомёфта оид ба масъалаи ташаккули фарҳангӣ иттилоотии мутахассисиояндаи соҳаи иҷтимой-фарҳангӣ дар раванди дарсҳои тахассусӣ ва технологияҳои иттилоотӣ-комуникатсионӣ ва корҳои беруназаудиторӣ ҳалли пурраи худро ёфтааст. Баррасии диссертатсияи А. Раҳмонов аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф

вазифаҳои дар наздаш гузоштаро иҷро намуда, ба ҳадафи таҳқиқот ноил гардидааст.

Бояд зикр кард, ки дар таблитсащои диссертатсия маълумотҳои ҷолиб гирд оварда шудааст, ки арзиши илмию амалии таҳқиқотро баланд намудааст.

Хулосаҳои назариявӣ ва мундариҷаи таҳқиқотро ҳангоми таҳияи барнома ва корҳои умумӣ доир ба таълими фанни педагогика, назария, методика ва ташкили фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ, технолгияҳои фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ, инчунин ҳангоми навиштани корҳои курсиву дипломӣ, корҳои реферативӣ ва диссертатсионӣ, кори амалии муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ ба эътибор гирифта, мавриди истифода ҷарор додан мумкин аст.

Мазмуни мӯҳтавои автореферат ба диссертатсия 14 адад корҳои илмӣ ва дастурамалҳои таълимӣ-методӣ чоп шудааст, ки се адади он дар маҷаллаи тақризшавандаи КОА-назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр баровcovarда шуда, мазмуну муҳтавои таҳҷиҷотро дар дар мегирад.

Дар баробари муваффақиятхо дар диссертатися, баъзе камбудиҳо ба чашм мерасад:

1. Агар дар диссертатсия адабиёти илмӣ-методии олимони тоҷик бештар инъикос мееёфтаанд, аз ин рисола бурд мекард.

2. Имкониятҳои барномаҳои педагогии таҳияшуда оид ба ташаккули фарҳанги иттилоотии мутахассиси оянда иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ то андозае, кам нишондода шудааст.

3. Дар диссертатсия баъзе хатогиҳои имлоӣ ва услубӣ, ҳамчунин носаҳеҳии мантиқӣ мушоҳида мешавад.

Камбудиҳои зикргардида ислоҳшаванда мебошал ва ба арзиши таҳқиқоти анҷомёфта таъсир нахоҳад расонд.

Дар хулоса бояд қайд кард, ки диссертатсияи анҷомёфта кори илмию тахассусӣ дар мавзӯи мубрам таҳия гардидааст. Натиҷаҳои нави илмӣ, ки аз тарафи А. Раҳмонов ба иҷро расонида шудааст, аз нигоҳи назариявию амалӣ таҳқиқоти зарурӣ ба ҳисоб рафта, барои рушду нумӯи назария, методика ва ташкили фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ аҳамияти назаррас доранд.

Дар умум, диссертатсияи Раҳмонов Абудсаттор Абдурозиҷович таҳти унвони "Хусусиятҳои ташаккули фарҳанги иттилооти муассисаи ояндаи фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба талаботи Низомномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ сазовор мебошад.

Раиси ҷаласа:
Мудири кафедраи санъати тасвирӣ ва ҳунарҳои халқӣ н.и.п., дотсент __________ Ҷалилова Ҳ. А.

Ташхисгаре, ки лоиҳаи тақризро омода кардааст:
Доктори илмҳои педагогӣ, профессори Донишгоҳи Давлатии Хуҷанд ба номи академик Б .Ғафуров __________ Исломов О.А.

Котиби ҷаласаи кафедраи санъати тасвирӣ ва ҳунарҳои халқии Давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров __________ Исваиён Н. А.

Имзоҳои Ҷалилова Ҳ., Исломов О.А., ва Исваиён Н. А. - ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи Давлатии Хуҷанд ба номи академик Б .Ғафуров __________ Ашрапова З.

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Бохтар, кучаи Айнӣ, 67. Тел +992(3222)2-22-53
Веб-сайт: www.btsu.tj